Чамъомади сафарбарӣ аз тарафи Комисариати харбии нохияи Рудакӣ дар пойгохи яке аз кисмхои харбии Вазорати мудофиа бо чалби зиёда аз 300 нафар шахрвандони дорои касбу кори гуногуни дар кайд буда, баргузор гардид.      Ба онхо аввал, аз чониби афсарони ботачрибаи ин Комисариати харбӣ машгулиятхои назариявӣ оид ба тарзу восита ва хусусиятхои асосии  истифодаи силохи  сабуки чангӣ фахмонида шуда, мохияту усули бехатарии истифодаи онро нишон доданд. Хамзамон ба шахрвандон бо назардошти вазъи харбӣ-сиёсии имрӯзаи чахон мухимият ва зарурати ташкилу баргузории хамин гуна чамъомадхои таълимӣ, низ фахмонида шуд. Дар идома онхо, аз навъхои гуногуни силохи чангӣ оташфишонӣ карда, тачрибаи худро чихати махву нобуд сохтани душман афзун намуданд.

Бояд гуфт, ки ин шахрвандон намояндагони кишри гуногуни чомеа буда, дар холати зарурати  даъват ба сафи КМ дар замони чанг омодаанд, бахри хифзи марзу бум, тамомияти арзӣ, пойдории сулху субот ва истиклолияти давлатии ЧТ сина сипар намоянд.

Максад аз гузаронидани ин гунна тамринхои оташфишонии низомӣ бо шахрвандони мулкӣ, ин пеш аз хама мустахкам намудани робитаи чомеа бо Куввахои мусаллах дар замони  осоишта ва заминагузорӣ намудан бахри эхтимоли зарурати даъват дар вакти чанг мебошад, ки ин шахрвандон бо дарки баланди вазифаи шахрвандӣ ва маърифати волои худшиносию худогохии миллии хеш хамчун як бахши Артиши миллии кишвар баромад менамоянд.